**ВАЗОРАТИ ФАРҲАНГИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**ДОНИШКАДАИ ДАВЛАТИИ ФАРҲАНГ ВА САНЪАТИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ М.ТУРСУНЗОДА**

«Тасдиқ мекунам»:
Ноиби ректор оид
ба корҳои таълимӣ
________ Турсунова М.Ғ.
«____»_________ 2018 сол

**Факултети «китобдорӣ ва иттилоотшиносӣ»**

**Кафедраи «китобхонашиносӣ ва библиографишиносӣ»**

# СИЛЛАБУС

Аз фанни **«Менеҷменти китобдорӣ»** барои зинаи бакалавр, ихтисоси «китобхонашиносӣ ва китобшиносӣ».

Миқдори кредит:4

Курс: 3

Семестр:1,2

Силлабус дар асоси Барномаи таълимии фан аз ҷониби омӯзгори калони кафедраи китобхонашиносӣ ва библиоографишиносӣ Раҷабова Назира Шириновна тартиб дода шудааст.

Дар ҷаласаи кафедраи китобхонашиносӣ ва библиоографишиносӣ бо протоколи **№ __ аз « » сентябри соли 2018**, тасдиқ шудааст.

Мудири кафедра. Зафари Шариф

Шӯрои илми-методии факултет бо протоколи **№** _ аз « **» сентябри соли 2018** тавсия додааст.

Раиси Шӯрои олимон, н.и.п ____________ Холов Б.С.

Декани факултет, н.и.т ____________ Холов Б.С.

Сардори раёсати таълим ____________ Арабов Ф.П.

Ном ва насаб: Раҷабова Н.Ш.

Унвон: Муаллими калон

Телефони омӯзгор: 918-41-10-29

Суроғаи интернетӣ:

Телефони эдвайзер:

Суроғаи кафедра:

Маълумоти иловагӣ ________________________________________

Вақт ва ҷои гузаронидани машғулият: Бинои №, ошёнаи , ауд.

Семестри чорум: 4 кредит **(лексия 16 соат, амалӣ 16 соат, КМД 16 соат)**

Санҷишҳои марҳилавӣ: семестри 1-ум **аз 15-ум то 21-уми октябр, аз 2-юм то 7-уми декабр**

Санҷишҳои марҳилавӣ: семестри 2-юм **аз 13-ум то 19-уми март, аз 5-ум то 11-уми май**

Имтиҳон: семестри 1-ум аз **20-уми декабр то 16-уми январ**

Имтиҳон: семестри 2-юм аз **2-юми июн то 30-юми июн**

## Ҷадвали машғулиятҳои дарсӣ

<table>
<tr><td>А</td><td colspan="5">Номи пурраи фан:<br>**Менеҷменти китобдорӣ**</td></tr>
<tr><td>забони таълим<br><br>**<u>тоҷикӣ</u>**</td><td>шакли назорати ниҳоӣ<br>**<u>имтиҳон</u>**</td><td colspan="3">Ном ва насаби омӯзгор:<br>**Раҷабова Н.**</td><td>Микдори кредит:<br><br>**4**</td></tr>
<tr><td rowspan="7">**Намуди курс**<br><br><br>**ҲАТМӢ**</td><td rowspan="7">**Сол ва нимсолаи таҳсил**<br><br><br>**Сол – 4**<br><br>**Нимсола-1,2**</td><td colspan="4">**Рӯз, вакт ва ҷои баргузории дарс**</td></tr>
<tr><td>**Рӯзҳои ҳафта**</td><td>**Соат**</td><td>**Синф-хона**</td><td>**Намуди дарс**</td></tr>
<tr><td>**Панҷшанбе**</td><td>$13^{00}$-$13^{50}$</td><td>60</td><td>лексионӣ</td></tr>
<tr><td>**Панҷшанбе**</td><td>$14^{00}$- $14^{50}$</td><td>60</td><td>амалӣ</td></tr>
<tr><td>**Ҷумъа**</td><td>$15^{00}$- $15^{50}$</td><td>45</td><td>КМРУ</td></tr>
<tr><td></td><td></td><td></td><td></td></tr>
<tr><td></td><td></td><td></td><td></td></tr>
<tr><td>**Б**</td><td colspan="5">**АДАБИЁТ**</td></tr>
</table>

**Бо забони тоҷикӣ**


Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо тағйироту иловаҳо). – Душанбе, 2003.

Аскаров Р.А. Менеҷмент: маҷмӯи тестҳо. – Душанбе, 1998.

Барномаи рушди Китобхонаи миллии Тоҷикистон ба номи А. Фирдавсӣ барои солҳои 2006-2015 // Китобдор. - 2007. №1(2). - С. 5-11.

Барномаи рушди фаъолияти китобдорӣ дар ҶТ барои солҳои 2006-2015 // Дар ҳамон ҷо. -С. 6-17.

Дар бораи дурнамоҳои давлатӣ, консепсияҳо ва барномаҳои инкишофи иттилоотию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2003. - №12. – М. 681.

Дар бораи илм ва сиёсати давлатӣ оид ба илму техника (1998, 21.05) // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 1998. - №10. – М. 94.

Дар бораи иттилоот: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2002. - №4, қисми 2. – М. 320. – С. 42-52.

Дар бораи реклама: Қонуни ҶТ // Ахбори Маҷлиси Олии ҶТ. - 2003. -№8. - С. 457.

Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон (2003, 8.12) // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2003. - №12. – М 682.

Дар бораи фарҳанг: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон (1997, 13.12) // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 1997. - №23-24. – М. 352.

Дар бораи фаъолияти китобдорӣ: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон (1.08.03) // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2003. - №8. – М. 455.

Консепсияи рушди фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон: Дастовардҳо ва масъалаҳои ҳалталаби он: Маҷмӯаи мақолоти мизи мудаввар, Душанбе, 20.11.07. – Душанбе:

Эҷод, 2007. – 144 с.

Лоиҳаро чӣ тавр бояд навишт? Тавсияҳои умумӣ / Мураттибон Ярбобоев Р.И. Шосаидов С.Х. // Пособие по составлению заявок на грант: Метод. пособие // сост.: Ярбобоев Р.И., Шосаидов С.Х. – Душанбе, 2005. – С. 10-16.

Менеҷмент ва маркетинги фаъолияти китобдорӣ/таҳияи Ҷ. Шерматов, С. Шосаидов. – Душанбе: Эҷод, 2008. – 28 с.

Сиёсати иттилоотии ҷаҳони ислом дар қарни XXI //Китобхонаҳо ва марказҳои ахборотӣ дар ҷаҳони ивазшаванда: технологияи ҷадид ва шаклҳои нави ҳамкорӣ: Маводи конф., 24-26.05.2000. – Хуҷанд, 2000. – С. 44-52.

Сулаймонӣ С. Китобхонаҳои омма дар низоми фаъолияти иртиботӣ: чашмандозҳои тоза дар остонаи қарни XXI //Паёмномаи фарҳанг. – 2000. - №1. – С.5-17.

Сулаймонӣ С. Ҷойгоҳи навини Китобхонаи миллии Тоҷикистон дар шабакаи миллӣ ва ҷаҳонии иттилоърасонӣ // Ганҷинаи фарҳанг: Ҷашнномa. – Душанбе: Эҷод, 2004. – С. 107-114.

Ҳабибов С.Ҳ., Исматуллоев П.У. Вожаномаи мухтасари бозоргонӣ. – Душанбе: Самара, 1994.

Ҳабибов С.Ҳ., Фақеров Ҳ.Н. Менеҷмент. – Душанбе: Ҳумо, 2003. – 215 с.

Ҳусейнов Б.А., Мирзоалиев А.А. Психологияи идоракунӣ. – Душанбе, 2000.

## Бо забони русӣ

Андреева Н.Е. Эволюция управленческой мысли как фактор формирования концепции управления информационной деятельностью библиотек в условиях трансформации общественно-экономических отношений // Библиотечное дело: 2005. Деятельность библиотек и развитие информационной культуры общества: Материалы международной научной конференции (Москва, 20-22 апр. 2005 г.) – М., 2005. – С.181-185

Александрова Н. Выставочный менеджмент: технология организации и рекламно-информационного сопровождения выставок и конференции: Учеб. – метод. пособие. – Ростов Н/Д.: РИА «Промэкспо», 2001. – 212 с.

Абдуллова Т.П. Психологические основы менеджмента: Учеб. – метод. пособие. – М.: Либерия, 152 с.

Ахмедова Ю.А., Галимова Е.М. Менеджмент качества и библиотека: Учеб.-практич. пособие. – М.: Либерия, 2007. – 88 с.

Аленькова С.В. Особенности национального фандрайзинга// Там же. С.180-181.

Андреева Н.Е. Нормативно-правовая база управления информационной деятельностью библиотек в новой информационной среде//Правовые аспекты деятельности библиотек: Сб. – М.: Пашков дом, 2002. – С. 119-122.

Бубекина Н.В. Экономические аспекты деятельности библиотек на современном этапе: Метод. пособие. – М.: Либерия, 1999. – 88 с.

Бунина Е.Г. Специфика маркетинговых исследований информационно-библиотечными службами академических учреждений// Библиотечное дело: 2005: Деятельность библиотек и развитие информационной культуры общества: Материалы междунар. науч. конф. (Москва 20-22 апр. 2005 г.) – М.: 2005. – С. 190-192.

Белявский И.К. Маркетинговые исследования: информация, анализ, прогноз: Учеб. пособие. – М.: Финансы и статистика, 2002. – 320 с.

Борисова О.О. Реклама в библиотеке: Учеб.-практич. пособие. – М.: Либерия, 2005. – 214 с.

Борисова О.О. Библиотечно-библиографическая реклама: Учеб. практ. пособие. – М., 2002. – 223 с.

Балабонов И.Т. Инновационный менеджмент. – СПб, Питер, 2000-2008 с.

Бездудный Ф.Ф. Сущность понятия инновации и его классификация / Ф.Ф. Бездудный, Г.А. Смирнова, О. Нечаева // Инновации – 1998. - №3. – С.96-100.

Ванеев А.Н. Библиотечный маркетинг // Справочник библиотекаря. - СПб, 2001. – С. 286-318.

Волобоева Е.Н. Основные этапы маркетинговой деятельности по изучению конъектуры пользовательской среды библиотеки // Библиотека как основа развития демократизации культуры и цивилизации: Мат. Междунар. конф. - Бишкек, 2004. – С. 129-138.

Галимова Е.А. Библиотечный сервис: Учеб.-метод. пособие. – М.: Либерия, 2006. – 198 с.

Дарлин Э. Уэйнганд. Управление современной публичной библиотекой: Стратегия развития /Пер. с англ. – М.: Рудомино, 1997. – 222 с.

Елисеева Е.Н. Совершенствование маркетингового обеспечения службы деловой информации универсальной библиотеки: Автореф. дис…канд.пед. наук. – М., 2001 – 18 с.

Елепов Б.С. Роль библиотек в концепции устойчивого развития /Б.С. Елепов, О.Л. Лаврик //Библиотеки и современное общество, - СПб., 1996. – С. 151-164.

**1.**

## I.1 ШАРҲИ МАВҚЕИ ФАН ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМ

**Ф**анни таълимии менеҷменти китобдорӣ дар нақшаҳои таълимии ихтисосҳои китобхонашиносӣ ва китобшиносӣ, муассисаҳо, ташкилот, менеҷменти иноватсионӣ, иқтисоди китобхонаҳо, муассисаҳо, корхонаҳо, иқтисоди меҳнат ва маркетинги факултети китобдорӣ мақоми фанни ҳатмиро касб карда, дар ташаккулёбии донишҷӯ ҳамчун мутахассиси баландихтисос мавқеи яке аз фанҳои асосӣ (базавӣ)-ро ишғол намудааст. Ҳангоми тадриси он маълумот дар бораи мафҳум, мазмун ва ҷанбаҳои назариявии менеҷмент, тадқиқоти менеҷмент дар соҳаи китобдорӣ, муҳити маркетингӣ дар китобхона, далелнокӣ, намудҳои менеҷмент, ва зифаҳои менеҷменти китобдорӣ пешкаш карда мешаванд.

## Мақсад ва вазифаҳои омӯзиши фан

Замони муосир масъалаҳо ва мушкилиҳои нав ба навро пайваста ба миён меорад. Ҷомеа ва давлати мо низ, дар қатори дигар кишварҳои олам, давраи хеле мушкил ва ҳолатҳои гуногуни дигаргунишавиҳои

амиқи сиёсию иҷтимоӣ ва иқтисодиву фарҳангиро аз сар гузаронида истодааст. Тасаввуроти нисбатан одии фаҳмиши олам тағйир ёфта, тарзи нави фаҳмиши қоидаҳои консептуалӣ ва таҷрибаи амалии идоракунӣ ба миён омадааст. Душвориҳо ва муаммоҳои ташкили фикрронии фарҳангӣ ва истифодабарии таълимоти муносиби идоракунӣ аз даврони донишҷӯйӣ шурӯъ гашта, то ба табақаҳои баландмаърифати ҷомеа ба назар гирифта мешавад.

Аҳамияти омӯзиши мавзӯи менеҷменти китобдорӣ аз он ҷиҳат зарурӣ ба назар мерасад, ки бо таваҷҷуҳ ба рушди имрӯзии кулли фаъолият ва имконоти фарҳангӣ онҳо бояд тариқи илмӣ идораву мудирият шаванд. Рушд додани соҳаи менеҷменти китобдорӣ яке аз вазифаҳои муҳими ҳам давлат ва ҳам мутахассисони ин соҳа ба шумор меравад, зеро дар кишварҳои пешрафтаи олам соҳаи мазкур ба мисли менеҷменти иқтисодӣ хеле тараққӣ кардааст. Айни замон бозори китоб оид ба масъалаҳои менеҷмент чунон густурда шудааст, ки хонандаро ба ҷанбаҳои мухталифи менеҷменти амрикоӣ, ҷопонӣ ва ғайра шинос менамояд. Хусусиятҳои муносибатҳои бозорӣ мутахассисони соҳаи менеҷменти китобдорӣ ва масъулони идоракуниро бори дигар водор месозад, ки муваффақиятҳои кишварҳои мутараққиро омӯхта, имкониятҳои мавҷудаи кишварро вобаста ба рушд додани соҳаи мазкур дар Тоҷикистон мавриди истифода қарор бидиҳанд.

Ҳалли проблемаҳои раванди идоракунӣ ё худ менеҷмент дар соҳаи фаъолияти китобдорию иттилоърасонӣ аз он масъалаҳои муҳимест, ки бояд аз роҳи илмию назариявӣ ва корбурдиву амалӣ мавриди баррасӣ ва натиҷагирӣ қарор бигирад. Ҳамзамон қайд бояд кард, ки таҷрибаи раванди идоракунӣ дар таҷрибаи ин соҳа нисбатан камтар мушоҳида мешавад. Ҳамаи ин омилҳо боис мегардад, ки кори тадқиқотии мо низ ба фаъолияти менеҷменти китобдорӣ ва рушди он дар шароити кунунии кишварамон дар заминаи хусусиятҳои иҷтимоӣ, миллӣ, динию мазҳабӣ, иқтисодӣ ва равонии ҷомеа бахшида шавад.

**Мақсади омӯзиши фан** дар заминаи адабиёти мавҷудаи илмӣ, таҷрибаи андӯхта дар самти идоракунӣ муайян намудани моҳият, вазифа, сохтори ва самтҳои асосии рушди менеҷменти китобдорӣ дар замони муосир мебошад.

Мақсади аз худ кардани фанни «Менеҷменти китобдорӣ» дар он аст, ки донишҷӯён дар давоми машғулиятҳо аз худ кардани низоми идоракунии китобхонаҳо дар замони муосир, истифодабарии амсилаҳои муосри идоракунӣ дар фаъолияти китобхонаҳо ва ғайраро омӯзанд.

Ба донишҷӯёни ихтисосҳои китобдорӣ омӯзонидани асосҳои фаъолияти идоракунии китобхонаҳо, омӯзиши консепсияҳои муосири менеҷмент, мактабҳои классикӣ ва муосири менеҷмент, хусусиятҳои хоси идоракунии китобхонаҳои муосир, истифодаи дастовардҳои менеҷмент дар амалияи китобдорӣ, ташкили мудирияти китобхонаҳо, алоқамандии фанни менеҷмент бо дигар фанҳо ва илмҳои вобаста, рушди мудирияти китобхонаҳо дар замони муосир, хусусиятҳои мудирияти китобхонаҳо дар Тоҷикистон, истифодаи амсилаҳои муосири менеҷмент дар фаъолияти китобхона ҳо ва ғайра.

**Вазифаҳои асосии омӯзиши фан:** шиносоӣ бо категорияҳо ва мафҳумҳои асосии менеҷмент, намояндагони асосии мактабҳои гуногуни менеҷмент, бунёди методологии менеҷменти китобдорӣ, бунёди ҳуқуқии мудирияти китобхонаҳо, алоқамандии фанни менеҷменти китобдорӣ бо идоракунии ниҳодҳои давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ, хусусиятҳои хоси китобхона ҳамчун субъекти менеҷмент, ташаккули сохторҳои ҷамъиятиии идоракунии китобхонаҳо, раҳёфти бозорёбӣ дар мудирияти китобхонаҳо, роҳҳои асосии коркарди барномаҳои давлатӣ дар соҳаи китобдорӣ ва идоракунии барнома ва лоиҳаҳои китобдорӣ ва ғайра.

## Менеҷменти китобдорӣ

Фанни «Менечменти китобдорӣ» фанни муҳим буда, санъати идоранамоиро меомӯзад ва дар тарбияи мутахассисони соҳаи китобдорӣ нақши муҳим мебозад. Мафҳуми менеҷмент аз калимаи англисӣ гирифта шуда, маънояш идоранамоӣ мебошад.

Илми менеҷмент ҳанӯз дар асрҳои 17 дар Англия пайдо шуда буд, онро аввалин бор дар соҳи ҳарбӣ истифода мекарданд, чунки низоми ҳарбиён дар ҳар давру замон бисёр низоми сахт ба ҳисоб меравад.

Баъдан дар асри 20 менеҷент ҳамчун илм дар дигар давлатҳо ташаккул ёфт.

Яке аз мақсадҳои асосии менеҷменти китобдорӣ дар он зоҳир мегардад, он низоми дуруст ва илми идоракуниро ба китобдорон меомӯзад.

Менеҷмент бо дигар илмҳо робитаи зич дорад, алалхусус бо философия, педагогика, психология, иқтисодиёт, маркетинг ва ғайра.

**Фанни менеҷмент аз қисмҳои зерин иборат аст:**

Назарияи менеҷмент, таърихи менеҷмент, таърихи таълимоти олимони хориҷ дар бобати менеҷмент ва ғайра.

**Объекти асосии фан** менеҷменти китобдорӣ ба ҳисоб меравад.

**Алоқамандии фанни менеҷменти китобдорӣ бо дигар фанҳо:**

Фанни менеҷмент бо бисёр илмҳо Аз ҷумла бо философии, иқтисодиёт, маркетинг, психология, педагогика, китобдорӣ алоқамандии зич дорад. Илми менеҷментро дар тамоми ҷабҳахо меомӯзанд, Дар тамоми корхонаю муассиса ва ташкилотҳо илми идоракунӣ ё роҳбарӣ зарур аст ва онро меомӯзанд.

Мувофиқи стандарти давлатӣ ва нақшаи таълимӣ, фанни менеҷменти китобдорӣ-ро донишҷӯёни таҳсилоти рӯзона ва ғоибона ба миқдори 4 кредит, яъне 90 соат меомӯзанд, он аз 18 соат лексия, 14 соат лабораторӣ 32 соат КМРУ ва боқимонда корҳои мустақилонаи донишҷӯён (КМД) ба ҳисоб меравад.

**Донишҷӯ вазифадор аст:**

1. Барои аз худ намудани фанни «Менеҷменти китобдорӣ» донишҷӯй ҳатман баҳои қаноатбахш «С» ва аз ин хубтарро бояд гирад;
2. Тартиботи дохилидонишгоҳиро пурра риоя намояд;

Истифодаи телефони мобилӣ мувофиқи низоми дохилидонишгоҳӣ қатъиян манъ карда шудааст;

3. Лавозимоти таълимӣ (китобҳои дарсӣ, васоити таълимӣ: дафтарҳо, ҳисобкунак, ручкаю қалам ва ғайра) дошта бошад;
4. Дарсҳои гузаштаро мунтазам аз худ намуда, вазифаҳои хонагиро саривақт иҷро намояд ва ба машварат ҳозир шавад;
5. Дар раванди омӯзиш фонди китобхонаи (аз он ҷумла китобхонаи электронӣ) донишгоҳро мунтазам ва самаранок истифода барад;
6. Дар раванди омӯзиши адабиёти тавсиягардида аз дастовардҳои илми муосир ва таҷрибаи хоҷагиҳо ва корхонаҳои пешқадами соҳа пурра истифода барад;

7. Мувофиқи мӯҳлати муайяншуда донишҷӯй бояд корҳои мустақилонаро ба устод супорад;
8. Нисбати ҳар як мавзӯи омӯхташаванда бояд тест тартиб дода тавонад, маҳфумҳо ва ибораҳои навро дар шакли луғат тартиб дода, аз худ намояд;
9. Дар мавриди ба 25 % дарсҳо иштирок накардан донишҷӯ аз иштирок намудан дар машғулиятҳои фаннии мазкур хориҷ карда шуда, ба рейтингҳои фосилавӣ ва имтиҳони ҷамъбастӣ роҳ дода намешавад;

**Пререквизитҳо** (алоқамандаии фанни таълимӣ бо фанҳои аз ҷониби донишҷӯ азхудкардашуда): фанҳои дар давраи таҳсил дар муассисаи таълимии таҳсилоти умумии миёна азхудкардаи донишҷӯ: иқтисодиёт, иқтисоди сиёсӣ, маркетинг, философия, математика, асосҳои информатика, иқтисоди бозоргонӣ, география ва ғ.

**Постреквизитҳо:** (алоқамандии фанни таълимӣ бо фанҳое, ки донишҷӯ онҳоро дар баробари азхудкунии фанни менеҷмент ва пас аз худ намудани он дар давоми таҳсил аз худ менамояд): менеҷменти иҷтимоӣ, назарияи иқтисод, асосҳои менеҷмент, менеҷменти стратегии, идоракунии ҳайат, менеҷменти иноватсионӣ, ва ғайра.

## 10. БАҲОДИҲӢ ВА НАТИҶАҲО

Баҳои умумӣ аз рӯи натиҷаи ҳар як кредит муайян карда мешавад. Аз таҳлили ҷавоби ҳар як саволи тестҳои имтиҳонӣ хулосаи зарурӣ бароварда мешавад.

Кафедра (шӯъбаи назоратӣ) донишҷӯёнеро, ки дар ҷамъбаст аз 65 % камтар натиҷа ба даст овардаанд, таҳти назорат мегиранд.

Дар рафти ҷараёни таълими фан чунин баҳогузорӣ бо % муайян карда шудааст:

Рейтинги 1 100 хол (75 аз тест + 25 илова)= 25%

Рейтинги 2, 100 хол (75 аз тест + 25 илова)= 25 %

Имтиҳони ҷамъбастӣ: 100 хол

Имтиҳони ҷамъбастӣ ҳамаи мавзӯҳои фанро дарбар мегирад ва чун ду имтиҳони муқаррарии стандартӣ ҳисоб мешавад.

## ХОЛҲОИ ҲАВАСМАНДӢ:

а) иштироки фаъолона ба дарсҳо – 5 хол;

б) иҷрои пурраи вазифаҳои хонагӣ – 10 хол;

в) иҷрои корҳои мустақилона – 10 хол;

ХОЛҲОИ ҶАРИМАВӢ:

а) ҳар як ҳолати дарсшиканӣ – 5 хол;

б) иҷро накардани вазифаи хонагӣ – 5 хол;

в) дер мондан ба дарс – 2 хол;

г) иҷро накардани корҳои мустақилона – 5 хол;

д) риоя накардани тарзи либоспӯшии расмии донишҷӯй – 5 хол;

е) вайрон кардани тартиботи дохилӣ дар аудитория ва донишгоҳ – 3 хол.

НАТИҶАҲО БО ФОИЗ (%)

Рейтинги 1 – 20 %

Рейтинги 2 – 20 %

Имтиҳони ҷамъбастӣ – 60 %

Ҳамагӣ - 100 %

БАҲОДИҲИИ ИНТИҲОӢ:

Холи умумӣ -100

| № | Холҳо | Баҳо бо ҳарф | Истифодаи анъанавии холҳо |
|---|---|---|---|
| 1. | 95-100 | A | Аъло |
| 2. | 90-94 | A- | |
| 3. | 85-89 | B+ | Хуб |
| 4. | 80-84 | B | |
| 5. | 75-79 | B- | |
| 6. | 70-74 | C+ | Қаноатбахш |
| 7. | 65-69 | C | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 8. | 60-64 | C- | |
| 9. | 55-59 | D+ | |
| 10. | 50-54 | D | |
| 11. | 0-49 | F | Ғайриқаноатбахш |

- донишҷӯ барои аз худ намудани фан ҳатман баҳои қаноатбахш «С» ва аз ин хубтарро бояд гирад;

- ҳангоми имтиҳонсупорӣ ба донишҷӯён истифодаи матни лексия, китобҳои дарсӣ ва дигар васоити таълимӣ иҷозат дода намешавад;

- аз ҷадвали холҳо ва баҳоҳои ҳарфии мувофиқ дида мешавад, ки 95 % холҳои имконпазир бо баҳои «А», баробар мебошанд.

Баҳои ҷамъбастӣ тибқи формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

$$Б_ч = \left[\frac{Р_1+Р_2}{2}\right] \times 0{,}4 + И_ч \times 0{,}6$$

Бч –баҳои ҷамъбастӣ;

Р1 ва Р2 – натиҷаи рейтингҳои якум ва дуюм;

Рч – натиҷаи имтиҳони ҷамъбастӣ.

| Ғ | Нақшаи гузаронидани машғулиятҳо: | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳафтаҳо | Миқ. соат | Номгӯи мавзӯъҳои лексионӣ, семинарӣ, КМРУ ва мундарицаи онҳо | Намуди дарс | Адабиёт | Холҳо | Донишҷӯ бояд донад |
| Ҳафтаи 1 | | **Муқаддима** | **лексия** | | 10 | Худи ибораи «менеҷмент» аз калимаи англисии «менеҷмент» гирифта шуда, санъати идоранамоиро мефаҳмонад |
| | 1 | Мафҳуми менеҷмент ва мавзӯи омӯзиши он | **амалӣ** | | | |
| | 1 | Принсипҳои менеҷмент | **КМРУ** | | | |
| | 1 | Намудҳои менеҷмент | **КМД** | | | |
| Ҳафтаи 2 | 1 | Менеҷмент ҳамчун илм | **лексия** | 3, 6, 9, 10 | 10 | Мафҳум ва моҳияти менеҷмент, таърихи пайдоиш ва марҳилаҳои рушди он. Асосгузорони фанни менеҷмент |
| | 1 | Заминаҳоии иктисодии пайдоиши назарияи менеҷмент | **амалӣ** | | | |
| | 1 | Мафҳумҳои асосӣ ва категорияҳои менеҷменти китобдорӣ | **КМРУ** | | | |
| | 1 | Пайдоиш, давраҳо ва ташаккулёбии менеҷмент | **КМД** | | | |
| Ҳафтаи 3 | 1 | Асосҳои фанни менеҷмент | **лексия** | 2, 5, 6, 9, 11, 29 | 10 | Омӯзиши асосҳои фанни менеҷмент ва истилоҳи он дар ташкилотҳо |
| | 1 | Истилоҳи менеҷмент дар ташкил. Муасссаҳо, аз ҷумла китобхонаҳо | **амалӣ** | | | |
| | 1 | Моҳият ва вазифаҳои менеҷменти китобдорӣ | **КМРУ** | | | |
| | 1 | Вазифаҳои менеҷменти китобдорӣ | **КМД** | | | |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **Ҳафтаи 4** | **1** | Марҳилаҳои ташаккулёбии менеҷменти китобдорӣ | **лексия** | **3, 5, 6, 13, 15,17, 18, 20, 28** | **10** | Идоракунии менеҷмент ва фаъолияти маркетинг дар ширкатҳо.банақшагирии фаъолияти ширкат дар замони муосир. |
| | **1** | Хусусиятҳои муҳимтарини менеҷменти китобдорӣ | **амалӣ** | | | |
| | **1** | Рушди менеҷменти китобдорӣ | **КМД** | | | |
| | **1** | Муҳити дохилии китобхона ҳамчун объекти менеҷмент | **КМРУ** | | | |
| **Ҳафтаи 5** | **1** | Масъалаҳои методологии менеҷменти китобдорӣ | **лексия** | **3, 5, 6, 9, 10, 11, 12, 18, 26,29** | **10** | Марҳилаҳои асосии менеҷменти китобдорӣ дар шароити муосири Тоҷикистон |
| | **1** | Марҳилаҳои асосии менеҷменти китобдорӣ | **амалӣ** | | | |
| | **1** | Менеҷменти китобдорӣ дар шароити муосири Тоҷикистон | **КМРУ** | | | |
| | **1** | Рушди менеҷменти китобдорӣ дар Тоҷикистон | **КМД** | | | |
| **Ҳафтаи 6** | **1** | **Вазифаҳо ва намудҳои идоранамоӣ** | **лексия** | **3, 10, 13, 15, 17, 19** | **10** | Дар Ҷ.Т.фаъолияти истеҳсолӣ, тиҷоратӣ ва хизматрасонӣ дар шароити муносибатҳои бозории ҳозиразамон ривоҷу равнақ ёфта |
| | **1** | Идоранамоии фардӣ ва дигар намудҳои идоранамоӣ | **амалӣ** | | | |
| | **1** | Идоранамоии дастаҷамъӣ дар китобхонаҳо | **КМРУ** | | | |
| | **1** | Зарурат ва мақсадҳои идоранамоӣ | **КМД** | | | |
| **Ҳафтаи 7** | **1** | Идоранамоӣ тавассути лоиҳа ва барномаҳо | **лексия** | **5, 6, 10, 13, 15, 16,18, 19, 20** | **10** | Идоранамоӣ ба воситаи нақшаҳо ва барномаҳои он |
| | **1** | Зарурати мутобиқгадонӣ дар китобхонаҳо (ҳамоҳангсозӣ) | **амалӣ** | | | |
| | **1** | Намудҳои банақшагирӣ дар менеҷменти китобдорӣ | **КМРУ** | | | |
| | **1** | Навгониҳои китобдорӣ дар менеҷмент | **КМД** | | | |
| **Ҳафтаи 8** | **1** | Унсурҳои менеҷмент дар фаъолияти китобдорӣ (наз. Ф.Тейлор) | **лексия** | **[illegible] 16, 19, 22, 25, [illegible]** | **10** | Вазифаҳои муҳимтарини идоракунии |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 1 | Тавсияҳои умумӣ ҷиҳати дарёфти бурс (грант) | **амалӣ** | | | менеҷмент дар китобхона ин банақшагирии маркетингӣ, ташкил ва назорати фаъолияти маркетингӣ |
| | 1 | **Амсилаҳои (намунаҳои) менеҷменти китобдорӣ** | **КМРУ** | | | |
| | 1 | Лоиҳаро чӣ тавр бояд навишт? | **КМД** | | | |
| **Ҳафтаи 9** | 1 | **Моҳият ва принсипҳои менеҷмент** | **Лексия** | **4, 7, 9, 10, 12, 18, 19, 22, 26** | **10** | Принсипҳои менеҷмент ва қонунияҳои идоракуниро фаҳмонидан ба донишҷӯён |
| | 1 | Моҳияти менеҷмент | **амалӣ** | | | |
| | 1 | Қонунҳои идоракунӣ ва принсипҳои менеҷмент | **КМРУ** | | | |
| | 1 | **Қонуниятҳои идоракунӣ** | **КМД** | | | |
| **Ҳафтаи 10** | 1 | **Таҳаввули назариёти менеҷмент** | **лексия** | **13, 5 , 12, 18, 19, 22, 26** | **10** | Мактаби асосии менеҷмент аз кадом сарчашма оғоз меёбад. Назарияи муосири менеҷментро омӯзонидан |
| | 1 | **Асосҳои тахаввули менеҷмент** | **амалӣ** | | | |
| | 1 | Мактабҳои асосии менеҷмент | **КМРУ** | | | |
| | 1 | **Назарияи муосири менеҷмент** | **КМД** | | | |
| **Ҳафтаи 11** | 1 | Функсияҳои менеҷмент | **лексия** | **3, 14, 15, 17, 25** | **10** | Банду басти мол дар бозор. Сифита моли пешниҳоднамуда ба харидорон. Раванди бозоргир шудани мол |
| | 1 | Моҳият ва мундаричаи функсияҳои менеҷмент | **амалӣ** | | | |
| | 1 | Банақшагирӣ ва созмондиҳии менеҷмент | **КМРУ** | | | |
| | 1 | Мотиватсия ва назорат дар низоми менеҷмент | **КМД** | | | |
| **Ҳафтаи 12** | 1 | **Моҳият ва мафҳуми усули менеҷмент** | **лексия** | **3, 5, 9, 10, 13** | **10** | Менеҷмент дар ширкатҳо ва хоҷигиҳои деҳқони, тарзи дуруст ҷобаҷогузори маҳсулоти кишоварзӣ. Роҳҳои ба бозори кушод баровардани он |
| | 1 | Усули иқтисодии менеҷмент | **амалӣ** | | | |
| | 1 | Усули маъмурию ҳуқуқии менеҷмент | **КМРУ** | | | |
| | 1 | **Усулҳои иҷтимоию психологии менеҷмент** | **КМД** | | | |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **Ҳафтаи 13** | 1 | **Моҳияти қарорҳои идоракунӣ ва тавсифи он** | **лексия** | **1, 2, 5, 14, 16** | **10** | Рақобатпазирӣ, намудҳои он дар бозор, роҳҳои ба рақобат тобовар шудани молҳо. |
| | 1 | Хелҳои қарорҳои идоракунӣ | **амалӣ** | | | |
| | 1 | Раванди омодасозӣ ва татбиқи қарорҳои идоракунӣ | **КМРУ** | | | |
| | 1 | Қарорҳои идоракунӣ | **КМД** | | | |
| **Ҳафтаи 14** | 1 | **Назарияи идоракунии захираҳои инсонӣ** | **Лексия** | **2, 4, 6, 13, 27** | **10** | Мол ва сиёсати он дар бозор, роҳҳои бехтар намудани сифати молҳои саноатӣ. Коркарди молҳои навин |
| | 1 | Маҷмӯи идоракунии захираҳои инсонӣ | **амалӣ** | | | |
| | 1 | Рушди захираҳои инсонӣ | **КМРУ** | | | |
| | 1 | Маданияти ташкилӣ дар идоракунии захираҳои инсонӣ | **КМД** | | | |
| **Ҳафтаи 15** | 1 | **Табиат ва хелҳои низоъ дар китобхонаҳо** | **лексия** | **3, 4, 5, 13, 23, 30** | **10** | Баҳисобгирӣ ва ченаки хароҷот Азнавтақсимкунӣ, Ҳавасмандгардони ва мувозинат |
| | 1 | Асосҳои бавуҷудоии низоъ ва усули ҳалли он | **амалӣ** | | | |
| | 1 | Стратегияи гуфтушунид ва огоҳкунии ҳолатҳои инзоӣ | **КМРУ** | | | |
| | 1 | Идоракунии низоъ дар китобхонаҳо | **КМД** | | | |
| **Ҳафтаи 16** | 1 | **Санъати идоракунӣ. Менеҷмент –илм ва санъат** | **лексия** | **6, 8, 19, 21, 22** | **10** | Баъзешонро ба ин роҳ имкониятҳои харобии бозори ватанӣ тела медиҳад, баъзеи дигарашонро имкониятҳои фароҳами дар хориҷа кушодашаванда, ҷалб менамояд |
| | 1 | Усулҳои санъати идоракунӣ | **амалӣ** | | | |
| | 1 | Принсипҳои асосии идоракунӣ | **КМРУ** | | | |
| | 1 | Такмили санъати идоракунӣ | **КМД** | | | |
| | **Имтиҳони ниҳоӣ** | | | | | |

| | ОМИЛҲОИ ТАЪЛИМ |
|---|---|

Барои азхуднамоии назария ҳафтае 2 маротиба дарси лексионӣ гузаронида мешавад. Ҳангоми баргузории дарси лексионӣ аз ҷадвал, схемаву, овезаҳо, гӯшаҳо ва баннерҳо фаровон истифода бурда мешавад. Омӯзгор вобаста ба шароити мувофиқ барои дарсҳо **слайдҳоро** тайёр менамояд.

Инчунин барои тайёр намудани маводҳои зарурӣ аз воситаҳои техникии таълим (ба монанди **ноотбук, проектори рақамӣ, тахтаи электронӣ** ва ғ.) **низ васеъ корбаст карда мешавад.**

**ДИҚҚАТ:**

Дар дарсҳои лексионӣ ба донишҷӯён саволҳои характери эҷодидошта пешниҳод карда мешавад ва донишҷӯён ба он саволҳо ҷавобҳои мушаххас дода, соҳиби холҳои мувофиқ шуданашон имконпазир аст. Аз ин ҷо бармеояд, ки донишҷӯён на танҳо мавзӯҳои гузаштаро, балки мавзӯи навро низ аз барномаи таълимӣ, силлабус муайян намуда, бо тайёрии ҳамаҷониба ба дарсҳо омода бошанд, то ки соҳиби холҳои баланд гарданд.

Барои дарси амалӣ дар як ҳафта 1 соат ҷудо карда шудааст. Дар раванди баргузории дарси амалӣ гузориши масъалаҳои муҳими соҳаи иқтисодӣ бо мисолҳои мушаххас мустаҳкам гардонида мешавад.

Дар ин дарсҳо бештар оид ба тартиб додани иҷрои корҳои мустақилона бо роҳбарии устод маълумоти муфассал дода мешавад.

Ҳангоми ҳаллу фасли мисолу масъалаҳо иштироки фаъолонаи донишҷӯй дар мадди аввал меистад ва ҳар як ғояи нави донишҷӯён баҳри ҳалли муаммогузорӣ холгузорӣ карда мешавад.

Бинобар ин, донишҷӯён бояд баҳри ҳаллу фасли ҳар масъалаву муаммоҳо ҷидду ҷаҳд намоянд.

**Барои тайёрӣ ба назорати марҳилавӣ ва имтиҳони ниҳоӣ пешакӣ намунаи саволҳои тестӣ ба донишҷӯён супорида мешавад.**

Бояд қайд кард, ки тартибу интизом ва дигар масъалаҳои муҳими тарбиявӣ дар рафти дарс дар мадди аввал меистад ва ҳар як рафтори ноҷояи донишҷӯй метавонад ӯро аз 10 холи соҳибгаштааш маҳрум созад. Аз ин ҷо ба мақсади он, ки донишҷӯй ба 10 холи имрӯза соҳиб гардад, вай бояд тамоми тартибу талаботи мактаби олиро риоя кунад.

Барои иҷрои корҳои мустақилона рӯйхати адабиёти зарурӣ ва иловагӣ, маводҳои таълимӣ-методӣ пешниҳод карда мешавад, ки дастрас

намудани ин маводҳо дар китобхонаи илмии донишгоҳ имконпазир аст.

| Е | **БАҲОГУЗОРӢ** |
|---|---|

Баҳои ҷамъбастӣ ҷузъҳои зеринро дарбар мегирад:

- санҷишҳои рейтингии фосилавӣ-**50%;**
- имтиҳони ҷамъбастӣ **-50%;**

Баҳои ҷамъбастӣ бо формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

$$Бч = \left[\frac{(СФ_1 + СФ_2)}{2}\right] \cdot 0{,}5 + \left((4x) + Ич\right) \cdot 0{,}5$$

дар ин ҷо:

**$СФ_1$-** нишондиҳандаи ададии баҳои санҷиши фосилавии якум;

**$СФ_2$**- нишондиҳандаи ададии баҳои санҷиши фосилавии дуюм;

**4** $X$ - ҷамъи холҳои 4 ҳафтаи охир;

**Ич** – нишондиҳандаи ададии баҳои имтиҳони ҷамъбастӣ.

Ифодаи ҳуруфии баҳои имтиҳонӣ ва нишондиҳандаи ададии он аз рӯи холҳои дар асоси вазни қиёсии ҷавобҳои дуруст бадастовардаи донишҷӯ, ки бо фоиз нишон дода мешавад, муайян мегардад. (Ҷадвали 1).

Ҷадвали 1.

***Ифодаи ҳуруфӣ ва ададии баҳои имтиҳонӣ***

| **Баҳо (ҳуруфӣ)** | **Ба намуди фоиз (%)** | **Ифодаи анъанавии баҳо** |
|---|---|---|
| **A** | **95-100** | **Аъло** |
| **A-** | **90-94** | |
| **B+** | **85-89** | **Хуб** |
| **B** | **80-84** | |
| **B-** | **75-79** | |

| | | |
|---|---|---|
| **C+**<br>**C**<br>**C-**<br>**Д**<br>**Д-** | **70-74**<br>**65-69**<br>**60-64**<br>**55-59**<br>**50-5** | **Миёна** |
| **Ғ** | **0-49** | **Бад** |

| Ё | МЕЪЁРҲОИ БАҲОГУЗОРӢ |
|---|---|

***0 хол*** - иштироки ғайрифаъоли донишҷӯ дар дарс, ҷавоб надодан ба дарс, бесабаб иштирок накардан ба дарс;

***1 хол*** - баъзан дар давоми дарс мароқ зоҳир кардан ба мавзӯъ, дар идомаи дарс мустақилона кор карда натавонистан;

***2 хол*** - муқоиса карда тавонистани баъзе қисматҳои мавзӯи дарс, иҷро намудани машқҳо бо хатоиҳои зиёд;

***3 хол*** – дар хотир нигоҳ доштани қисми мавзӯъ, инъикоси мавзӯъ ҳангоми иҷроиши машқу масъалаҳо бо хатоиҳо, дар ҳама қисми дарс бевосита ба ёрии омӯзгор мӯҳтоҷ будан;

***4 хол*** – аз худ намудани қисми бештари мавзӯъ, иҷро карда тавонистани машқу вазифаҳо, лекин бо хатоиҳо, баъзан ба кӯмаки омӯзгор мӯҳтоҷ будан;

***5 хол*** – аз худ намудани қисми зиёди мавзӯи дарс, иҷро карда тавонистани машқҳову вазифаҳо, лекин бо хатоӣ, баъзан ба кӯмаки омӯзгор мӯҳтоҷ будан;

***6 хол*** – инъикоси мавзӯи дарс бо фаҳмиши дуруст, истифодаи бомавриди донишу малака дар мавқеъҳои зарурӣ ё иҷрои машқу вазифаҳо бо хатоиҳои кам, лекин бо кӯмаки омӯзгор ислоҳшаванда;

***7 хол*** – бомавқеъ дар шароити шинос истифода бурдани донишу малака аз рӯи барномаи фан; иҷроиши машқу масъалаҳо аз рӯи талабот, лекин бо хатоиҳои каму беш; мустақилона дарёфт ва ислоҳ намудани хатоиҳои худ;

***8 хол*** – дар мавқеи зарурӣ истифода бурда тавонистани донишу малака, мустақилона иҷро намудани машқу вазифаҳо;

***9 хол*** – дар мавридҳои гуногун истифода бурда тавонистани донишу малака, мустақилона ва бо элементҳои эҷодӣ иҷро намудани машқу

вазифаҳо, эҷодкорона дарёфт кардани роҳҳои иҷроиши вазифа, дар ҳар мавриди машқ роҳи дурусти ҳалли масъаларо дарёфта тавонистан;

***10 хол*** – озодона истифода бурдани донишу малака аз рӯи барномаи фаннӣ, дар мавриди ношинос мустақилона истифода бурда тавонистани онҳо, ҳаллу фасли эҷодкоронаи масъалаву вазифаҳо, борағбат ва фаъолона иҷро намудани вазифаҳои гузошташуда.

| Ҷ | **МАСЪУЛИЯТИ ДОНИШҶӮ ВА ТАЛАБОТ НИСБАТ БА Ӯ** |
|---|---|

Новобаста аз сабабҳои ғоибӣ донишҷӯ аз холҳои имконпазири барои иштирок дар дарс мегирифтааш маҳрум карда мешавад.

Танҳо дар ҳолати пешакӣ огоҳ намудани устод аз иштирок накардан дар дарси оянда бо сабабҳои асоснок донишҷӯён вазифаи хонагӣ ва корҳои мустақилонаро дар мӯҳлати як ҳафта супорида, холи назорати ҷориро гирифта метавонанд. Назорати марҳилавӣ ва имтихони ниҳоӣ ба таври иловагӣ ташкил карда намешавад.

Донишҷӯёни ба дарс деромада, ба дарс роҳ дода намешаванд. Дар вақти гузаронидани дарс, телефонҳои мобилӣ бояд хомӯш карда шавад.

Дар дарси амалӣ донишҷӯй бояд дар рӯи мизи корӣ: қалам, хаткашак, резина, ручка, ҳисобкунак ва дигар лавозимоти зарурии таълимиро дошта бошад. Бояд дар хотир дошт, ки иҷрои ин шартҳо донишҷӯёнро соҳиби холҳои лозима мегар донад.

Дар дарс беиҷозат аз ҷой хестан, гап задан ё ба дафтари ҳамсабақон нигоҳ кардан қатъиян манъ аст. Ин рафтори ноҷоя асоси вайроншавии муносибати донишҷӯй бо донишҷӯй ва устод мегардад.

**ТАЛАБОТҲОИ ИЛОВАГӢ БАРОИ ОМОДАГӢ БА ДАРС**

Донишомӯзӣ ин меҳнати бениҳоят вазнин, пурмашаққат ва шарафнок аст. Бояд чунон меҳнат кард, ки аз он ҳосили фаровон ба даст оред ва аз кори кардаи худ қаноатманд бошед.

Донишомӯзӣ ин фаъолияти асосии Шумо ба ҳисоб меравад. Бояд хуб дар хотир нигоҳ дошта бошед, ки донишомӯзӣ ин на барои устод, на барои волидайн ва на барои ягон шахси дигар, балки барои худ ваояндаи дурахшони Шумост.

Ҳаракат намоед то, ки аз донишомӯзӣ ҳаловате бурда бошед.

**Дар хотир доред: Пешравии фаъолияти пурсамари идоракунӣ аз роҳбарии хирадмандона ва санъати хуби идоракунӣ вобастагии калон дорад.**

**Тавсияҳои методӣ барои гузаронидани дарсҳои лексионӣ**

1. Ҳадафи асосии дидактикии лексия – ин таъмини нишонаҳои асосии азхудкунии маводҳои таълимӣ мебошад.

**Усулҳои дидактикии лексия:**

**- усули илмӣ** (тарбияи услуби дурусти диалектикӣ дар фанҳои омӯхташудаистода ва ҳодисаву воқеаҳо, тафаккури диалектикӣ, ташаккул намудани тасаввуроти дуруст, мафҳумҳои илмӣ ва маҳорати дақиқ ифода намудани он дар муайян кардани истилоҳҳои дар илм қабулшуда);

**- усули робитаи назария ва амалия** (дар ошкор намудани робитаи қонуниятҳои назариявӣ ва маърифатӣ дар татбиқи ифодаи амалии он);

**- усули мураттабӣ ва пайдарҳамӣ** (дар сохти мантиқии навъи лексия бо қайди марҳилаҳои асосӣ, муносибатҳои дурусти назариявӣ ва далелҳои воқеӣ дар мувофиқати сохти таркибии қисмҳо (сарсухан, қисмати асосӣ, хотима), қайди ғояҳои асосӣ, тавсияҳои хулосавӣ, муқаррар намудани робита бо дигар фанҳо, алоқамандии мафҳум ва мавзӯъ, усулҳои индуктивӣ ва дедуктивии баёнот):

2. Вазифаҳои лексия:

**вазифаи ахборотӣ** - донишҷӯро бо таркиби мантиқӣ, шакл ва мазмуни мавзӯъҳои таълимӣ ба воситаи ошкорнамоии далелҳои илмӣ ва ҳодисаву воқеаҳо, мавқеъҳои асосӣ ва хулосавӣ, қонун ва қонуниятҳо дар мисолҳои пайдарҳам шинос менамояд;

**вазифаи мавқеӣ** - равияи ихтисосӣ-далелии донишҷӯёнро ба воситаи интихоб намудани сарчашмаҳои асосии таркибӣ, таҳлили мактабҳои гуногуни илмӣ ва назариявӣ идора менамояд;

**вазифаи методологӣ** - омӯзгор ба воситаи тафаккури илмӣ, ошкор намудани усулҳои тадқиқот, шартҳои муқоисавӣ, муқаддимавӣ, муносибат ва усулҳои кофтуковҳои илмӣ идроки зеҳнии донишҷӯйро ташаккул дода, роҳбарӣ менамояд;

**вазифаи идоракунӣ** - дар роҳбарии педагогии ҷараёни дарккунӣ фаъол намудани фикрронии донишҷӯён, баландбардории дараҷаи азхудкунӣ ва қувваи ҳофиза зоҳир мегардад;

**вазифаи иштиёқмандӣ (рӯҳбаландӣ)** - дар донишҷӯён ташаккул додани муносибатҳои баҳодиҳии муассирӣ нисбати фанҳои омӯхташаванда, мақсадҳои дохилӣ дар омӯзиши ҳаҷми маълумоти додашуда мебошад.

**Тавсияҳои методӣ барои омӯзгорон ҳангоми гузаронидани машғулиятҳои амалӣ, семинарӣ ва корҳои лабораторӣ**

Дар муассисаҳои олии касбӣ машғулиятҳои амалӣ дар мустаҳкам намудани дониши назариявии муҳассилин аҳамияти хоса доранд.

Ҳангоми мавҷуд будани ягонагӣ ва шабоҳати мақсадҳои таълимии омӯзгор ва донишҷӯ дар машғулияти амалӣ ҳамзамон дар он тавофутҳо ба мушоҳида мерасанд.

**Талабот дар бобати банақшагирӣ ва тартибдиҳии тавсияҳои методӣ ба машғулиятҳои амали (семинарӣ, лабораторӣ)-и омӯзгорон.**

Ҳангоми банақшагирии таркиб ва мундариҷаи машғулиятҳои амалӣ, семинарӣ ва лабораторӣ мавҷуд будани мақсадҳои гуногуни дидактикиро ба назар гирифтан зарур аст.

Мақсади асосии дидактикии машғулиятҳои амалӣ – ташаккули малакаҳои амалӣ, касбӣ ё таълимӣ мебошад, ки он дар фаъолияти минбаъдаи таълимӣ ба фанҳои умумӣ ва ё махсуси касбӣ зарурат доранд.

Мутобиқ ба мақсади асосии дидактикӣ мундариҷаи машғулиятҳои амалӣ аз ҳалли масъалаҳои гуногун, аз ҷумла масъалаҳои касбӣ (таҳлили ҳолатҳои ҳалталаб, ҳалли масъалаҳои дар истеҳсолот бавуқӯъомада, иҷрои вазифаҳои касбӣ дар бозиҳои таълимӣ ва корӣ ва ғ.), иҷрои ҳисоббарорӣ, кор бо асбобҳои ченкунӣ, таҷҳизот, дастгоҳҳо, кор бо ҳуҷҷатҳои меъёрӣ, маводҳои дастурӣ, маълумотномаҳо, тартибдиҳии ҳуҷҷатгузории лоиҳавӣ, нақшавӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои махсус иборат аст.

Дар машғулиятҳои амалӣ донишҷӯён соҳиби дониш ва малакаҳои нахустини касбӣ мегарданд, ки минбаъд дар раванди лоиҳакашии курсӣ, таҷрибаомӯзии таълимӣ ва истеҳсолӣ мустаҳкам мегарданд.

Ҳамзамон бо ташаккули донишу малакаҳо дар раванди машғулиятҳои амалӣ дониши назариявӣ умумӣ, ҷуқур, бонизом ва мушаххас гардида, қобилияти омодагӣ барои истифода намудани дониши назариявӣ дар амалия коркард шуда, малакаҳои зеҳнии донишҷӯён инкишоф меёбанд.

Мақсади асосии дидактикии машғулиятҳои семинарӣ танзим ва маълумотдиҳӣ оид ба мавзӯи баррасишаванда, ташаккул ва такмили малакаи кор бо маъхазҳои иловагии иттилоот, қиёс ва мутобиқгардонии нуктаҳои назар, навиштани мухтасароти хаттии мавзӯъ, баёни нуктаи назари хеш мебошад.

Мутобиқ ба мақсади асосии дидактикӣ мундариҷаи машғулиятҳои семинариро қисматҳои нисбатан мушкилфаҳми мавзӯъ, фасл, фанро фаро мегиранд. Махсусияти бурдани машғулиятҳои мазкур ҳамкории омӯзгор ва донишҷӯён дар ҳалли масъалаҳо буда, ҷустуҷӯи ҷавоби дуруст бошад, дар асоси пайдарҳамии фаъолияти умумӣ ва инфиродӣ зоҳир мегардад.

Баҳогузорӣ тавассути механизми муҳокимаи умумӣ, мутобиқгардонии вариантҳои пешниҳодшуда бо дониши илмии эмпирикӣ ва назариявӣ, ки ба соҳаи мазкур вобастагӣ доранд, амалӣ

карда мешавад. Ин барои зиёд шудани имконияти амалӣ кардани худбаҳодиҳии дониш ва малака, аз тарафи донишҷӯён дарёфт намудани нуктаҳои номафҳум, баландшавии фаъолияти донишомӯзӣ мусоидат менамояд.

Дар раванди ҷустуҷӯи ҷавобҳо ба саволҳои гузошташуда донишҷӯён низоми инфиродии маданияти мафкуравии худ ва амалиётҳоро ташаккул медиҳанд. Онҳо тарзи тафаккури интиқодиро инкишоф дода, маҳсули эҷодии худро ба вуҷуд меоранд, мустақилияти фардӣ, қобилияти бархӯрд ба ҳолатҳои ғайричашмдошт, ки дар раванди ҳамкории муштарак ба вуҷуд меоянд, дар худ тарбия мекунанд. Тарзи дастаҷамъии фаъолият дар машғулияти семинарӣ ба донишҷӯён имкон медиҳад, ки байни онҳо муносибатҳои самараноки корӣ инкишоф ёфта, дар онҳо ҳисси боварӣ ба қувваи худро парвариш мекунад.

Ҳангоми интихоби мундариҷаи фаннии машғулиятҳои семинарӣ ба омӯзгор зарур аст, таҳияи дидактикиро амалӣ намояд, то ки дар он принсипи ба сифати мушкилот пешниҳодшуда риоя гардад ва он ҳамчун асоси методии амаликунии мубоҳиса, муҳокима, истифодаи эҷодии дониши мавҷудбуда аз тарафи донишҷӯён хизмат кунад. Бо мақсади фаъолгардонии фаъолияти зеҳнии донишҷӯён, бедор кардани ҳавасмандӣ ба масъалаи баррасишаванда ба семинар дохил намудани унсурҳои навгонӣ, алалхусус саволҳои шаклан ва мазмунан нав, овардани далелҳои ҷолиб, истифодаи воситаҳои ҷадиди аёнӣ ва техникӣ мувофиқи мақсад аст.

Мақсади асосии дидактикии корҳои лабораторӣ тасдиқи озмоишӣ ва тафтиши муқарраротҳои назариявии заминавӣ (қонунҳо, қонуниятҳо) мебошад. Бинобар ин, онҳо ҳангоми омӯхтани дониши фанҳои табиӣ-илмӣ мақоми афзалиятнокро соҳиб мебошанд.

Мутобиқ ба мақсади асосии дидактикӣ мундариҷаи корҳои лабораторӣ метавонад озмоиши таҷрибавии формулаҳо, усулҳои ҳисобкунӣ, муқарраркунӣ ва тасдиқи қонуниятҳо, шиносоӣ бо усулҳои гузаронидани озмоишҳо, муқарраркунии хусусиятҳои маводҳо, тавсифҳои сифатӣ ва миқдории онҳо, мушоҳидаи инкишофи ҳодисаҳо, равандҳо ва ғайраро дар бар гиранд.

Ҳангоми интихоби мундариҷа ва ҳаҷми корҳои лабораторӣ аз нуқтаи назари мураккаб будани азхудкунии маводи таълимӣ, алоқаҳои байнифаннӣ ва дохилифаннӣ, аҳамияти муқаррароти назариявии омӯхташаванда барои фаъолияти касбии минбаъдаи он, ки кори мазкур дар маҷмӯи корҳои лабораторӣ мавқеъ дорад, аҳамияти онҳо дар ташаккули тасаввуроти яклухт дар мундариҷаи фанни таълимӣ зарурати амал кардан дорад, бояд баромад.

Ҳангоми банақшагирии корҳои лабораторӣ ба назар гирифтан зарур аст, ки ҳамзамон бо мақсади асосии дидактикӣ (тасдиқи муқarrаротҳои назариявӣ) дар донишҷӯён донишу малакаҳои амалӣ дар истифодаи асбобҳои гуногун, таҷҳизот ва дастгоҳҳое, ки қисми муҳими омодакунии касбии онҳо маҳсуб мешаванд, инкишоф меёбанд.

Барои самаранок гузаронидани машғулиятҳои амалӣ, семинарӣ ва корҳои лабораторӣ иҷрои амалҳои зерин тавсия дода мешавад:

- тобеъгардонии методикаи гузаронидани машғулиятҳо ба мақсадҳои дидактикии асосӣ бо дастурҳои мутобиқ барои донишҷӯён;
- истифодаи усулҳои фаъоли омӯзиш ҳангоми таълим;
- истифодаи шаклҳои дастаҷамъӣ ва коллективии кор, истифодаи шаклҳои инфиродӣ барои баланд бардоштани ҳисси масъулияти ҳар як донишҷӯ дар иҷрои ҳаҷми муқарраргардидаи корҳо;
- гузаронидани машғулиятҳо дар сатҳи баланди мураккабӣ бо воридкунии вазифаҳо вобаста ба шароитҳои интихобкардаи донишҷӯён ҳангоми иҷрои кор, мушаххасгардонии мақсадҳо, интихоби мустақилонаи усулҳо ва воситаҳои зарурии ҳалли масъалаҳо;
- таҳияи маҷмӯи масъалаҳо, вазифаҳо ва машқҳо бо замимаи тавсияҳои методии вобаста ба касбҳои мушаххас;
- интихоби масъала ва вазифаҳои иловагӣ барои донишҷӯёне, ки бо суръати нисбатан тез кор мекунанд, бо мақсади самаранок истифода намудани вақти барои машғулият ҷудошуда;
- таҳияи вазифаҳо барои назорати автоматикунонидашудаи тестӣ ҳангоми омодагии донишҷӯён ба машғулиятҳо.

**Тавсияҳои методӣ оид ба гузаронидани кори мустақилонаи донишҷӯён бо роҳбарии устод**

Кори мустақилонаи донишҷуён бо роҳбарии устод дар мактабҳои олӣ мақоми хосе дошта, дар тайёрии мутахассисони оянда роли калон мебозад.

Аз рӯи намуд кори мустақилонаи донишҷуён бо роҳбарии устод ду хел мешавад: аудиторӣ ва ғайриаудиторӣ.

Бисёр шаклҳои онҳо ба якдигар низ монандӣ доранд. Бинобар ин тавсифи кори мустақилонаи донишҷуён бо роҳбарии устод на аз рӯи намуд, балки шаклҳо дода шудааст.

Умуман дар зери мафҳуми кори мустақилонаи донишчӯён бо роҳбарии устод шаклҳои гуногуни кори таълимӣ, истеҳсолӣ, таълимӣ-тадқиқотӣ, илмӣ-тадқиқотӣ ва фаъолияти худомӯзии (худмаълумотгирии) онҳо фаҳмида мешавад. Кори мустақилона барои аз худ намудани инҳо равона карда шудаанд:

- системаи донишҳои умумиилмӣ ва касбӣ;

- системаи фаъолияти даркунӣ ва касбӣ;

- таҷрибаи кори эҷодӣ;

- таҷрибаи муассиршавӣ ба ҳақиқат ва касби оянда.

Мақсади кори мустақилонаи донишҷӯён бо роҳбарии устод дар мактабҳои олӣ аз он иборат аст, ки дар тайёр намудани мутахассисони мутобиқи ҷамъияти ҳозира мадад расонад, инчунин ба ҳалли вазифаҳои таълимӣ, касбӣ ва тарбиявӣ мусоидат намояд.

Аҳамияти таълимии кори мустақилонаи донишҷӯён бо роҳбарии устод дар он аст, ки дониши толибилмонро афзун ва мустаҳкам менамоянд. Дар протсесси кори мунтазаму мақсаднок мушоҳидакориву тафаккури мантиқӣ ва мавҳумии донишҷӯён инкишоф меёбад.

Дар раванди кори мустақилона донишҷӯён ахбороти заруриро ҷудо карда гирифтан, ба материали омӯхтаашон аз назари танқидӣ баҳо додан, маҳорати мустақилона дониш ҳосил кардан, дар фаъолияти амалии худ аз он эҷодкорона истифода бурданро аз худ менамоянд.

Ҷиҳатҳои таълимӣ, касбӣ ва тарбиявии кори мустақилонаи донишчуён бо роҳбарии устод аз инҳо иборат аст:

- доираи чаҳонбинии касбӣ ва умумии онҳоро васеъ ва чуқур намудан;

- малака ва маҳорати ташкили илмии меҳнати фикриро дар онҳо ташаккул додан;

- аз худ намудани методикаи кори мустақилона;

- қобилияти дарккунии донишҷӯёнро инкишоф додан;

- малакаҳои дар амал истифода бурдани донишҳои назариявиро дар онҳо ташаккул додан;

- талаб ва майлу хоҳиши минбаъд ба худмаълумотгирӣ машғул шуданро дар онҳо ташаккул додан;

Вазифаҳои дар боло номбаршудаи кори мустақилонаи донишҷӯён бо роҳбарии устод барои муайян намудани мазмун, методҳои конкретӣ ва шаклҳои ташкили он дар раванди машғулиятҳои аудиторӣ ва ғайриаудиторӣ ниҳоят заруранд.

**Талабҳои ба кори мустақилонаи донишҷӯён бо роҳбарии устод**

1. Бо талаби барномаи таълимӣ мувофиқат кардани мазмуни кори мустақилона;
2. Дар доираи имконияти донишҷӯён будани кори мустақилона;
3. Риоя кардани принсипи иҷрои бошууронаи кори мустақилона;
4. Бо системаи муайян ташкил намудани кори мустақилона;
5. Донишҷӯёнро ба иҷрои кори мустақилона тайёр намудан, яъне:

а) дар бораи мақсад ва вазифаҳои кор дастури аниқ, дақиқ ва мухтасар додан;
б) донишҷӯёнро ба малакаҳои зарурии техникӣ ва ташкилии иҷрои кори мустақилона мусаллаҳ намудан;
в) дар назди донишҷӯён гузоштани чунин вазифаҳое, ки ҳаллашон аз онҳо саъю кӯшиши фикреро талаб намояд;
г) риоя намудани вақте, ки барои иҷрои кори мустақилона ҷудо карда шудааст;

6. Аз тарафи муаллим бевосита назорат намудани рафти иҷрои кори мустақилона ва дар ҳолати пеш омадани душвориҳо ба донишҷӯён ёрии зарурӣ расондан.

7. Муқаррар намудани назорати ҳатмӣ аз болои иҷрои кори мустақилона.